# МУБОРИЗА БО ТЕРРОРИЗМ АЗ ПЕШГИРИИ ОН ОҒОЗ МЕШАВАД (ДАР ҲОШИЯИ ИҚДОМИ ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ БАРГАРДОНИДАНИ ГУРЕЗАГОН АЗ ЛАГЕРҲОИ СУРИЯ)

Ҳукумати Тоҷикистон ҳукумати ояндабин аст. Ҳанӯз соли 2012 дар Стратегияи миллии рушди соҳаи маориф барои то соли 2020 мувофиқ намудани низоми маорифи кишвар бо меъёрҳои байналмилалӣ таъкид гардида буд, ки асоси онро ташаккули салоҳиятҳои хонандагон ташкил медод. Ин масъала дар Стратегияи рушди маориф барои то моли 2030 низ таъкид ва инкишоф дода шудааст.

Ҷавҳари асосии ҳар ду стратегияро фарогирии тамоми кӯдакон, махсусан кӯдакони аз нигоҳи иҷтимоӣ осебпазир ташкил медиҳад. Ва ҳар як масъули соҳаи маориф, аз ҷумла омӯзгорон водор ва вазифаор карда мешавад, ки масъулияти касбӣ ва вазифавии худро дарк намуда, тамоми қобилияти худро барои солимии тарбия ва созандагии таълим сарф намояд.

Дарк накардани ҳамин гуна масъулият солҳои 2015 ва баъд ба он оварда расонид, ки як қатор ҷавонон ба туфайли нопуррагии тафаккури худ пайи сарвату ҳукуматхоҳони арабро гирифта роҳ ҷониби он кишварҳои ба хун оғушта гирифтанд ва зану фарзандони худро қурбони ин хунрезиҳои ғайриинсонӣ карданд.

Заҳри онро мардуми тоҷик то ҳанӯз мечашад, зеро онҳое, ки то ба имрӯз дар лагерҳои гурезагони Сурияву Ироқ ба сар мебурданд, ҳамчун ҳаммиллат, ҳамкеш ва ҳамватани мо мардуми шарафманду солимфикри Тоҷикистонро бетараф гузошта наметавонад. Бинобар ин Ҳукумати Тоҷикистон, Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон ҳамчун баёнгари

омоли мардуми кишвар ҳамеша дар фикри баргардонидани ин гурезагони ғайриихтиёрӣ буда, тамоми неруи худро барои амнияти онҳо истифода мебаранд ва ҳамин аст, бори дуюм рӯзи 21 майи имсол беш аз 100 нафар занону кӯдакон аз лагерҳои гурезагон Ироқ баргардонида шуданд.

Суоле ҳар яки моро ба фикр кардан водор мекунад: Оё имкон дошт, ки мо аз ин бадабахтӣ пешгирӣ кунем, ҳамватанони худро аз рафтан ба чунин як иқдоми нангин боздорем?

Ҷавоби ин суол рӯйи моро ҷониби маориф мегардонад. Бале танҳо мактаб ва маориф метавонад тавассути таълим ва тарбияи дуруст аз ҳар гуна харобкориҳо ва хунрезиҳо пешгирӣ намуда, ҷойгоҳи онҳоро бо ободиву ҳамзистии осоишта иваз намояд.

Барои ин дар муассисаи таълимии ҳамаи зинаҳо омӯзгорони ғамхор ва воқеан фидоӣ фаъолият намоянд. Қисми асосии таълимро ҳамеша бояд тарбия ташкил намояд. Ин тарбия дар хонандагон руҳияи миллиро ба вуҷуд оварда тавонад. Омӯзгори дар ғоя ва ақидаи миллӣ устувор ин гуна тарбияро ба роҳ монда метавонад. Омода намудани чунин омӯзгор  ва ба кор ҷалб намудани онҳо низ дар чунин шароит вазифаи масъулони соҳаи маориф аст.

Муносибатҳои нави дар таълим татбиқшаванда мувофиқи Стратегияҳои рушди маориф талаб мекунанд, ки дар хонандагон ғурури миллӣ, тафаккури таҳлилӣ (интиқодӣ, мантиқӣ) ниҳоят бо таваҷҷуҳи махсус тарбия карда шавад. Он дар ҷараёни таълим сурат бигирад, ташкили дарси тарбиявие, ки бо шиорпартоӣ ва суханони баланду холӣ мегузаранд, ба руҳияи хонанда таъсир нахоҳанд кард, тарбияи дуруст бояд таълим тавъам бошад, он дар ҷараёни таълим сурат гирад, ҷузъи

муҳими онро ташкил диҳад. Ҳамеша гузоштани саволи Барои чӣ?-ро дар хонанда водор намояд, то ки хонанда ба суханони ҳар тарғибгару ташвиқгар бовар накунад ва дар муқобили ҳама гуна ташвиқ андешаи худро дошта бошад ва арзишҳои миллии худро аз ҳама гуна арзишҳои дигар боло гузорад.

Вазъияти ҷаҳони имрӯза тамоми масъулиятро ба дӯши мо омӯзгорон мегузорад. Дар назди насли имрӯза омӯзгорони имрӯза масъулият доранд ва хунукназарӣ ба он боиси фоҷиа миллат хоҳад шуд.

**Қутбиддин Мухторӣ, устоди ДМТ**